**ДАСТУРАМАЛ**
**оид ба пур кардани ҳисоботи шакли №31 – алоқа**
**«Ҳисобот дар бораи воситаҳои техникии алоқаи телеграфӣ»**

Дар нишондиҳандаҳои сатри 10 ҳамаи каналҳои телеграфие, ки тачҳизоти ҷафскунандаро ташкил медиҳанд ва барои таҳвили барқия истифода бурда мешаванд, каналҳои ба иҷора гирифташуда, каналҳои транзитӣ ва каналҳои алоқаи хизматӣ ба назар гирифта мешаванд.

Ҳар як канали транзитӣ ҳамчун ду канал дар назар гирифта мешавад.

Дар нишондиҳандаҳои сатри 20 микдори каналҳои телеграфие, ки барои истифода (иҷора) ба дигар ташкилотҳо - операторҳо дода мешаванд, ба назар гирифта мешаванд. Аз тарафи он операторone, ки барои иҷораи канал (пешниҳоди канал барои истифодабарӣ) иҷозатнома доранд, пур карда мешаванд.

Каналҳои барои истифода (иҷора) супоридашудае, ки барои ташкилотҳои ҳисоботдиҳанда транзитӣ мегузарад, дар нишондиҳан-даҳои сатрҳои 20 ифода карда намешаванд.

Нишондиҳандаи сатри 50 баробар аст ба ҷамъи нишондиҳандаҳои сатри 30, 40, 60 ва 70.

Сатри 30 алоқаҳои телефонии худкор, телекс, хатҳои пайвасткунандаи байни дастгоҳи шабакаҳои телефонии худкор, телекс дарбар мегирад.

Дар нишондиандаҳои сатри 40 ҳамчун алоқаи байнимарказии системаи КС, алоқаҳои канори РУС, ГУС, ГОС ба назар гирифта мешаванд. Ҷойҳои кории хизматии ЭТК-КС ва ҷойҳои корӣ қайд дар дафтари АПК дар ин нишондиҳанда ба назар гирифта намешаванд.

Дар нишондиҳандаи сатри 60 алоқае, ки барои коркарди барқияҳо аз рӯи системаи АТОЛ истифода бурда мешавад, ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дар сартрҳои 80, 90 ғунҷоиши васлшудаи марказҳои (узел) коммутатсионӣ нишон дода мешаванд.

Дар сархатҳои 100, 110 ғунҷоиши истифодашудаи марказҳои (узел) коммутатсионӣ нишон дода мешаванд.

Дар сатри 120 миқдори насбҳои муштариёни пулакӣ ва ройгонӣ (бе ҷои корӣ ва дастгоҳҳои истгоҳии хизматӣ барои истгоҳҳои АТ-ПС-ПД) дар истгоҳҳои телефонии худкории АТ пайвастшуда, новобаста аз он ки дар тавозуни корхонаи алоқа ё муштари қарор доранд, нишон дода мешаванд. Дастгоҳҳои АТ, ки дар истгоҳи телеграфӣ ё дар назди кормандони техникӣ (марказҳои алоқаи ноҳиявӣ - РУС, марказҳои алоқаи шаҳрӣ - ГУС) насб карда шудаанд, дар нишондиҳандаи 120 ифода карда намешаванд.